# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзӯи “Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзату-с-Сафо»-и Мирхонд” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 –Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои тадкиқоти таърихӣ**

Аз автореферати диссертатсияи номзадии Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат маълум гардид, ки мавзӯъ ва таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзату-с-Сафо»-и Мирхонд бахшида шудааст.

Асари таърихӣ «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд аз маъхазҳои арзишманди давраи ҳукумати хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб рафта, муаллиф дар аксари рӯйдоду кашмакашиҳои ин хонадон бевосита иштирок дошта, мушоҳидаҳояшро дар рисолаи худ тасвир намудааст, асари мазкур роҷеъ ба зимомдории хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ахбори дақиқеро инъикос менамояд.

Муаллиф қайд, менамояд, роҷеъ ба ин давраи таърихӣ пажӯҳандагони зиёде чи дар дохил ва чи дар хориҷ таҳқиқоти мушикофона доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ анҷом дода, дар ҳамин раванд сарчашмаҳои зиёди хаттӣ ва рисолаҳо тасҳеҳ, бозгардон ва дифоъ шуданд. Аммо омӯзиши интиқодии бисёре аз сарчашмаҳои таърихии ин давраи таърихӣ, хусусан рисолаи таърихии «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Муаллиф таҳқиқ, таҳлил ва инъикоси мавод оид ба мавзӯи “Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннахру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзату-с-Сафо»-и Мирхонд” баррасии масъалаҳои давраро дар асар зарур донистааст.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионӣ маълум гардид,ки рисола ба ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, ва мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси

07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат ва мувофиқат менамояд.

Инчунин саҳми шахсии довталаби барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз мустақилона таҳия ва баррасӣ шудаанд, бидуни он натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ва дигар семинарҳои илмӣ-оммавӣ шунида аз мукаммал шудани рисолаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Аз ин рӯ, мавзӯи диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат аз нуқтаи омӯзиши таърихи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV аз рӯи сарчашмаи таърихӣ башуда, дар ҳаллу фасл намуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот, пеш аз ҳама дар он зоҳир менамояд, ки бори аввал асари «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд мавриди таҳқиқи сарчашмашиносӣ ва муайян кардани он ҳамчун манбаи дасти аввал қарор мегирад. Натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши раванди ҳодисоти асрҳои XIV-XV, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳр ва Хуросони давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълими методӣ истифода кард ба таври муфассал баррасӣ намудааст.

Хулосаи мухтасари рисолаи диссертатсионӣ, яъне аннотатсияи рисола дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид бо Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (номзади илм), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, пурра

ҷавобгӯ буда, муалифи он Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат сазовори дарёфти унвони номзади илмҳои таърих мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Суроға:** 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail: furkat.hamidov@mail.ru

**Имзои профессори кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих, Ҳомидзода Ф.М.- ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 735717, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru